# ИҒВОАНГЕЗИИ ИҚБОЛ

Аз ҷониби иғвогар, ватанфурӯш ва сафсатагӯ Муҳаммадиқболи Садриддин дар равзанаи сомонаҳои интернетӣ наворҳое чарх мезанад, ки саршор дурӯғ ва сохтаву мардумфиребона дар робита ба сафари навбатии Пешвои миллати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Фаронса аст. Муҳаммадиқбол ба масъалаҳои сиёсию иҷтимоӣ муваффақ нагардида, акнун бо наворҳои сохтаю иғвогароёна мехоҳад ҷомеаро ноором созад ва тадбирҳои андешидаи Пешвои миллатро дар самти рушди муносибатҳои байналмилалӣ номумкин хонад. Мушоҳида мешавад, ки тайи як навори охир, ки гӯйё Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Фаронса хуб пешвоз нагирифтаанд, дурӯғҳои зиёдеро нашармида баён месозад. Маълум шуд, ки «суханҳо»-и ӯ аз мазмуни навор дур буда, ба хотири ҷалби тамошобини сомонаҳои иҷтимоӣ, инчунин, ба шӯр овардани мардум ва амали гаштани ғаразноки бади аъзоёни гуруҳҳои террористии ҲНИ ва «24» мебошад.

Таҳлилҳои дипломатӣ нишон медиҳанд, ки ҳар як давлат қабули махсуси меҳмонони худро дорад ва қабули сафари корӣ аз қабули савари расмӣ фарқ мекунад. Дар сатҳи дипломатия меҳмоннавозии тоҷикон борҳо аз ҷониби намояндагони сатҳи воломақоми давлатҳои ҷаҳон баҳогузорӣ шудааст ва фарқи байни мову дигар давлатҳо низ дар истиқболи гарми сафарҳо дида мешавад. Қабули навбатии Пешвои миллат аз ҷониби давлати Фаронса дар доираи қонун ва тартиботи давлати ҳамкор сурат гирифтааст.

Иғвогар Муҳаммадиқболи Садриддин дигар мавзӯи ҷалбкунанда наёфта, сафари навбатии Пешвои миллатро бадгӯйӣ

карда, мардумро ба зидди сиёсати байналмилалии имрӯза шӯронидан мехоҳад.

Имрӯз Муҳаммадиқболи беватан ҷомеаро бо андешаҳои сохтаю бофта ва дуруғини хуш мехоҳад нооромм созад ва мардумро бар зидди сиёсати ҳукумати кишвар ба шӯр меоварад. Маълум мегардад, ки сард гардонидани фазои Тоҷикистон ба манфиати хоҷагони Муҳаммадиқбол мебошад. Хушбахтона, ҷомеа мухолифи ҳама гуна андешаҳое мебошад, ки он боиси ташаннуҷу нооромиҳои кишвар аст. Дар зеҳн доранд, ки хоинон бештар ба сиёҳкорӣ машғул мебошанд ва ин амалашон давоми ҳамон ҳарзагӯйиҳояшон мебошад.